«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Раҳмонзода З. Ф.
________________________
«___»______________2024 сол

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика» пешниҳод гардидааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия тибқи фаслҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои олимони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисоди соҳаҳо (08.00.04.01 – Иқтисодиёт саноат ва энергетика) анҷом дода шуд: б.2. Ташаккули механизмҳои тараққиёти устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат, маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ ва дигар маҷмааҳои хоҷагии халқ, корхонахо; б. 21. Ҳолат ва дурнамоҳои тараққиёти маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ; б. 22. Ҳолат ва самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ.** Дар шароити муосир саноат омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои стратегӣ буда, ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола ба тадриҷ зиёд гардида истодааст. Дар баробари ин татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сенарияи индустриалию инноватсионӣ мубрамияти баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди саноатро бештар менамояд. Вобаста ба ин яке аз масъалаҳои муҳими таъмини рушди устувори саноати миллӣ ин тақвияти фазои сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои саноат мебошад, ки солҳои охир саноати маъдани кӯҳӣ дар ин самт пешсаф мебошад. Бо назардошти нақш ва аҳамияти рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосноккунии назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар самти такмили фаъолия сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат мубрамияти хос пайдо мекунад.

Сарфи назар аз таваҷҷуҳи зиёд ба мушкилоти фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди саноат, дар адабиёти иқтисодӣ то ҳол муносибати ягона ба муайян кардани чунин мафҳумҳо, ба монанди фаъолияти инноватсионӣ, фазои сармоягузорӣ вуҷуд надорад, ки ин таҳқиқот ва таҳлили қарорҳои гуногуни ташкилӣ, технологӣ ва техникиро дар самти фаъолияти саноати маъданҳои кӯҳӣ ва корхонаҳои соҳа мушкил мекунад.

Раванди саноатикунонии босуръати иқтисодиёт бо истифодаи технологияи муосир дар самтҳои фаъолияти саноати маъданҳои кӯҳӣ ва корхонаҳои соҳа алоқаманд мебошад ва он навгониҳои илмие, ки аз тарафи унвонҷӯ илман асоснокардашуда пешниҳод гардидааст, метавонад ба рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар рушди асосҳои назариявии тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷиксsucc ва пешниҳоди тавсияҳо барои рушди саноати кӯҳӣ зоҳир мегардад. Ба натиҷаҳои назарраси таҳқиқот, ки навгонии илмӣ доранд, инҳоро мансуб кардан мумкин аст:

- дар заминаи ҷамъбаст кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ нисбат ба муайян кардани рушди инноватсионию сармоягузории иқтисодиёт, таърифи муаллиф оид ба мафҳуми сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда шудааст, ки ҳамчун маблағгузориҳои дарозмуддати сармояро дар шакли моддӣ, пулӣ ё ғайримоддӣ (моликияти зеҳнӣ) бо мақсади гирифтани фоида, самараи иҷтимоӣ ва экологӣ ба корҳонаҳои саноатӣ фаҳмида мешавад;

- ҷузъҳои муҳимтарини таркибии фазои сармоягузорӣ дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодӣ Тоҷикистон ва аз ҷумла дар саноати маъданҳои кӯҳӣ ҷудо карда шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки намудҳои зерини сармоягузорӣ ба замонависозии саноати ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд: сармояи ҷисмонӣ (таҷҳизот, мошинҳо, биноҳо ва ғ.); сармояи инсонӣ, асосан ҳамчун хароҷоти таҳсил ва омӯзиши усулҳои идоракунӣ; сармояи технологӣ дар шакли маблағгузории таҳқиқот;

- арзёбии сатҳи муосири рушди саноати маъданҳои кӯҳии кишвар дар маҷмӯъ ва ширкати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди корхонаи муштараки Тоҷикистону Амрико «Анзоб» гузаронида шудааст. Иқтидори захиравии табиии сарватҳои зеризаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди афзалиятноки заминаи маъданӣ ва дар ин замина азхудкунии иқтидорҳои мавҷуда ва таъсиси корхонаҳои нави калони саноати маъдан ва металлургияро тақозо мекунад. Рушди минбаъдаи саноатии иқтисоди Тоҷикистон бештар аз зиёд шудани захираҳои маъданию табиӣ, истифодаи самараноки онҳо ва рушди маҳсулоти саноатии онҳо то маҳсулоти ниҳоӣ вобаста аст;

- дурнамои рушди минбаъдаи саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди корхонаи муштараки Тоҷикистону Амрико «Анзоб» асоснок карда шудааст. Тараққиёти минбаъдаи саноати маъдани кӯҳӣ ва металлургӣ бештар аз ҳолат ва дурнамои рушди пойгоҳи захиравию маъданӣ ва дар ин замина, рушди босуръати истеҳсоли маҳсулоти саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлургия вобаста аст.

- механизмҳои тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷиксситон таҳия карда шудаанд. Механизмҳои молиявии рушди инноватсионӣ ва саноатикунонии босуръати соҳаҳои саноати маъдан ва металлургия бояд, асосан, дар самтҳои асосии зерин асос ёбанд: афзоиши доимии захираҳои маъданҳои фоиданок тавассути ташкил ва рушди иктишофи геологӣ тавассути

маблағгузории буҷетии иктишофи пешакӣ ва маблағгузории берунии иктишофи муфассали конҳо; барқарорсозии корхонаҳои корношоям, рушд ва тавсеаи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои мавҷуда, инчунин ташкили корхонаҳои нави дорои технологияи пешқадами коркарди маъданҳои фоиданок бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ; конеъгардонии талаботи корхонаҳои коркарди металл ва мошинсозӣ ба металлҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо ва нодир бо мақсади зиёд кардани номгӯи маҳсулот барои пӯшонидани эҳтиёҷоти истеъмолкунандагони дохилӣ; таъмини воридотивазкунӣ ва содироти маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши баланди иловагӣ;

- нақши идоракунии корпоративӣ дар ташаккули ҷолибияти сармоягузорӣ ва тақвияти фазои сармоягузорӣ илман асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст, ки дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ бояд принсипҳои идоракунии корпоративӣ ҷорӣ карда шуда, шаффофияти идоракунии молиявӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ таъмин карда шавад.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- асосноккунии моҳияти иқтисоди–иҷтимоии фазои сармоягузорӣ дар шароити муосир ва хусусиятҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ;
- омузиши таҷрибаи хориҷии сармоягузории рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ дар шароити муосир;
- арзёбии иқтидори захиравии саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон ва таҳлили фазои сармоягузории саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон;
- ошкор намудани хусусиятхои рушди саноати маъданхои кӯҳӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ;
- коркарди пешниҳодот оид ба дурнамои рушди фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон;
- пешниҳоди роҳҳои асосии баландбардории ҷолибияти сармоягузорӣ аз он ҷумла тавассути ҷорӣ кардани принсипҳои идоракунии корпоративӣ.

**Сохтори диссертатсия. Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия аз номгуи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳо, адабиёти истифодашуда, инчунин рӯйхати интишороти муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 203 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, дорои 20 ҷадвал ва 3 расм мураттаб гардида, феҳристи адабиёти истифодашуда 140 маъхазро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** (С. 4-14) аҳаммият ва дараҷаи таҳияи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот, фарзияи тадқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот, навоварии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, тасдиқи натиҷаҳои кор, интишорот ва сохтори рисола, асоснок карда шудаанд

**Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявию методологии ташаккули муҳити сармоягузорӣ дар саноат»** (С. 15-67) моҳият ва

ташаккули равишҳои таҳқиқи муҳити сармоягузорӣ дар саноат муайян карда шуда, таҳқиқи усулҳо ва принсипҳои арзёбии фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, ҳамзамон омӯзиши таҷрибаи хориҷии танзими давлатии фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва мураккаб гардидани низоми муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, такроршавии буҳронҳои соҳавӣ ва таъсири манфии такконҳои беруна ба иқтисодиёти миллӣ зарурати тақвияти механизми истеҳсолоти дохилиро ба миён овардааст, ки сармоягузориҳо аз ҷумлаи омилҳои калидӣ ба ҳисоб меравconfigure. Пандемияи ҷаҳонӣ бори дигар собит сохт, ки бояд ба таҳкими пояҳои рушди истеҳсолоти миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Аз ин рӯ, бо назардошти муҳимияти татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва таъмини рушди устувори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба муҳити сармоягузории соҳаҳои саноат диққати махсус дода шуда, ҷиҳати ҷалби сармоя ва тақвияти фаъолияти инноватсионии корхонаҳои соҳа чораандешӣ карда шавад (С. 16-18).

Мувофиқи пешниҳоди муаллиф “фазои сармоягузорӣ ин маҷмӯи шароитҳои хоси ҳар як кишвар, соҳаи мушаххаси он мебошад, ки асоси рушди бомуваффақияти иқтисодӣ ҳам дар ҳозира ва ҳам дар оянда буда ва он дар беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди кишвар, соҳаҳои алоҳидаи он ва афзоиши саҳми онҳо дар ММД ва рушди некуахволии ҳалқ инъикос меебад”. Дар маҷмӯъ, аҳамияти ташаккули фазои сармоягузорӣ на танҳо олимони хориҷӣ, балки олимони ватаниро маҷбур месозад, ки дар бартараф кардани мушкилотҳои сармоягузорӣ дар иқтисоди миллӣ бо тарзу усулҳои нав муносибат кунанд. Дар ин ҷода фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ бо дар назардошти омилҳои глобалӣ, минтақавӣ, соҳавӣ ва корпоративӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Ташаккули фазои мусоид ба рушди минбаъдаи фаъолияти сармоягузории на фақат соҳа, балки инчунин ба рушди дигар субъектони алоқаманд дар минтақа ва дар умум ба иқтисодиети миллӣ такон медиҳад (С. 35-38).

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили вазъи муосири рушди саноати маъданҳои кӯҳи ва арзёбии фазои сармоягузории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** (С. 68-126) баҳодиҳии иқтидори захиравии саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон ва таҳқиқи динамикаи ҷалби сармоя оид ба таъсиси корхонаҳои саноати маъдани кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, арзёбии фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон амали карда шудааст.

Муаллиф дуруст меҳисобад, ки табиати Тоҷикистон махсусан аз захираҳои нуқра бой аст, ки қисми зиёди онҳо дар кӯҳҳои Қарамазор ҷойгиранд. Ҳуҷҷатҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар кӯҳҳои Қарамазор дар асрҳо VII – XI конҳои қадимаи нуқра мавҷуд буданд, ки дар он ҷо мардуми маҳаллӣ нуқра истихроҷ мекарданд. Нуқра аз консентратҳои сурб, мис-висмут ва мис гирифта мешавад. Ба конҳои аслии нуқра конҳои Кандҷол ва Конимансури Калон дохил мешаванд. Ғайр аз ин, дар шимоли ҷумҳурӣ захираҳои муайяни нуқраи дорои

аҳамияти саноатӣ дар конҳои тиллои: Боярбек, Бурғунда, Қизил-Чеку, Апрелевка, Иккижелон, Қандҷол мавҷуданд, ки ҳоло ҳамроҳ бо кони Қайроққум истихроҷ карда мешавад. Захираҳои нукра дар категорияҳои A + B + C 1 дар онҳо, дар маҷмӯъ, зиёда аз 800 тоннаро ташкил медиҳад. Конҳо ва зуҳуроти нукра дар ВМКБ низ маълуманд ( С. 77-80).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар минтақаҳои кишвар корхонаҳои саноати кӯҳӣ бунёд гардида, бо ҳамин сабаб ҳисаи саноати маъдан дар маҷмуи умумии маҳсулоти саноатӣ зиёд шуда истодааст. Барои мисол, дар мавзеи Дуобаи шарқии ноҳияи Айнӣ бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ яке аз корхонаҳои бузрги саноати маъдан ҶДММ "TBEA Душанбе саноати кӯҳӣ" таъсис дода шудааст. Корхонаи мазкур дар масоҳати умумии 1200 гектар таъсис дода шуда, истихроҷи маъданро дар конҳои "Кумарғи боло" ва "Дуобаи Шарқӣ" амалӣ менамояд. Корхонаи мазкур дар минтақаи баландкӯҳ таъсис дода шуда, барои мисол баландии"Кумарғи боло" қариб 4 ҳазор метр ва "Дуобаи шарқӣ" дар баландии 2300 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд. Дар корхона барои истихроҷ ва коркарди маъдан аз конҳои номбаршуда сикли истеҳсолиии гидрометаллургии муосир бунёд гардида, технологияи замонавии рехтагарии автоматикӣ истифода карда мешавад. Низоми технологии корхона аз дастгоҳу таҷҳизотҳои муосир иборат буда, раванди идоракунии истеҳсолот ба таври автоматӣ ба роҳ монда мешавад ( С. 91-93).

**Дар боби сеюми диссертатсия – «Самтҳои асосии беҳтарсозии фазои сармоягузории рушди саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (С. 127-182) афзалиятҳои беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки тақвияти фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ пешниҳод гардида, ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ – ҳамчун омили тақвияти фазои сармоягузорӣ асоснок карда шудааст.

Муаллиф дуруст меҳисобад, ки барои рушди минбаъдаи истихроҷи тилло дар Тоҷикистон, истифодаи гурӯҳи конҳои пошхӯрдаи тилло дар мавзеъҳои Хунукоб, Сариғор, Кофирбача, Панҷакент, Мастчоҳ, Яғноб, Возгина, Обиравнов, Дулоби Сангов бо истифодаи усулҳои муосири тақвияти фазои сармоягузори барои чалби сармояи дохилӣ ва захираҳои меҳнатии ватанӣ бояд пурра истфода гардад. Дар ин раванд беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо, ранга ва сиёҳ ва нодир иҷрои вазифаҳои иловагии зеринро талаб менамояд: содда кардани тартиби додани иҷозатномаҳо барои конҳои хурд мутобиқи таснифи захираҳои пешбинишудаи конҳо ва канданиҳои фоиданок; фароҳам овардани шароити мусоиди қарздиҳӣ барои истеҳсолкунандагон; аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ таъсис додани артелҳои заршӯӣ барои истихроҷи металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо; ташкил ва афзоиши шумораи нуктаҳои хариди металлҳои қиматбаҳо; ташкили назорати давлатӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори соҳаи саноат оид ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби истихроҷ ва ба нуктаҳои харид расонидани металлҳои қиматбаҳо; тақсимоти ҳарсолаи металлҳои қиматбаҳо ба корхонаҳои заргарӣ дар доираи талаботи истеҳсолӣ;

муайян кардани ҳиссаи содироти металлҳои қиматбаҳо барои корхонаҳо бо мақсади воридоти асъори хориҷӣ; ба роҳ мондани истихроҷи металлҳои қиматбаҳо бо усули заршӯӣ ва ихтиёрӣ оварда ба нуқтаҳои қабул супоридани онҳо (С. 148-150).

Зимни таҳқиқот муайян карда шуд, ки ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобаста мебошад: низоми бесамари муайян кардани афзалиятҳо дар рушди корхонаҳо (мувофиқ набудан ба талаботи муосири рушди муҳити бозор ва ба таври кофӣ ба инобат нагирифтани таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ дар ташаккули системаи идоракунии корпоративӣ); низоми номукаммали муайян кардани таносуби соҳавии рушди саноати миллӣ ва сармоягузории он; набудани захираҳои сармоягузорӣ барои фаъолсозии фаъолияти инноватсионӣ; самаранокии пасти қарорҳои идоракунӣ, пеш аз ҳама дар корхонаҳои саноатии давлатӣ; шаффофияти пасти фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии аксари корхонаҳои саноатӣ (С. 170-172).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо (С. 183-188) натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳаллӣ масъалаҳои илмӣ.** Ҳамаи давраҳои таҳқиқот ҷиҳати иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, махсусан интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф саҳми худро дар такмили асосҳои назариявии ташкил, дурнамо ва механизмҳои тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикситон гузоштааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи ҳадафи стратегии саноаткунонии босуръат ва барномаҳои амалинамоии он, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

**Аҳамияти назарияви ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муқарраротi назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда ба эҷоди заминаи илмӣ ва методологии тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикситон мусоидат мекунанд, ки ин аҳамияти бузурги амалиро дар маҷмӯъ барои рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон дорад.

Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои Вазорати саноати Ҷумҳуриии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаҳои таҳқиқотҳои амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалии барои тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикситон метавонад дар оянда дар низоми идоракунии Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва инчунин барои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми истифодабарии тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикситон хизмат мекунад.

**Эътимоднокии таҳқиқот** аз ҳисоби ҷалби маҳсули илмӣ – таҷрибавӣ, маълумотҳои амиқ, ҳаҷми зарурии маводҳои таҳқиқотӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва интишори мақолаҳои илмӣ тасдиқ гардидааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои диссертатсия аз усулҳои зерин истифода шудаанд: таҳлили индексӣ, қатори замонӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, таҳлили абстрактӣ-мантиқӣ, системавӣ ва мантиқӣ, арзёбиҳои коршиносон ва ғ.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда.**

Бо ибрози андешаи пешниҳод менамоям, дар баробари ҷанбаҳои мусбии дар боло қайд гардида, диссертатсияи тақризшаванда дорои баъзе камбудҳои характери тавсиявидошта мебошад. аз қабили:

1. Диссертант дар кори илмии худ масъалаи идоранамоию рақобатпазирии корхонаҳои саноатиро аз қабили саноати маъданҳои куҳӣ ба маврид таҳлил намудааст, аммо ба манфиати таҳқиқот мегардид, агар таҷрибаи рушди идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати маъданҳои куҳии давлатҳои хориҷиро баррасӣ намуда, хулосагирӣ менамуд;

2.Диссертант дар таҳқиқоти худ ба пурраги қайд намудааст, ки кишварҳои дорои иқтисоди бозории тараққикарда шаклҳои гуногуни дастгирии давлатиро барои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои бузург баҳри рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ истифода мебаранд. беҳтар мегардид, агар чанде аз чузвҳои ин таҷриба барои шароити имрузаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардид;

3. Дар қисматҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат хеле бомаврид ишора гардидааст. Ба манфиати кори диссертатсиони мебуд, агар унвонҷӯ таъсири рушди корхонаҳои саноати маъданҳои куҳиро дар асоси идоракунии рақобатпазирӣ ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат бо мисолҳои мушаххастар асоснок менамуд;

4. Сифати кори диссертатсионӣ боз ҳам хубтар мегардид, агар аз тарафи унвонҷӯ рушд ва перафти корхонаҳои саноати маъданҳои куҳии ҷумҳуриро вобаста ба минтақаҳои мамлакат дар шакли диаграммаи алоҳида таҳлил намуда рушд ва перафти онҳоро дар муқоиса бо ҳамдигар қиёс менамуд ва хусусиятҳои фарққунандаи идоранамои ва таҷрибаи ба роҳ мондани сиёсати кории онҳоро таҳлилу барраси менамуд, инчунин пешниҳодҳои худро нишон медод;

5.Дар кори диссертатсионӣ баъзе норасоиҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо дар тадқиқотҳои илмии минбаъда аз манфият холи нест.

Бо ибрози чунин нуктаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаҳои

илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 12,1 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд.

**Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.** Автореферат ва мақолаи илмӣ ба табъ расидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Холов Тоҳирҷон Толибҷонович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Хулосаи умумӣ оид ба кори диссертатсионӣ.** Умуман диссертатсия дар мавзуи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – «Иқтисодиёти саноат ва энергетика» пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, тавсия дода мешавад, ки кори илмии асоснок гардидаи ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Холов Тоҳирҷон Толибҷонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика» мебошад.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) мувофиқ мебошад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика»мебошад.

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ:**

*Иштирок доштанд – 19 нафар, аз ҷумла 11 нафар докторону номзадони илм;*

*Ҳуқуқи овоз доданро дорад – 12 нафар омузгорон, номзадон ва докторон;*

*Роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М. ва аъзои шӯрои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Ҳамроев Ф.М. ҳуқуқи овоз доданро надорад.*

*“Тарафдор ” – 12 нафар; “зид ” – нест; “бетараф ” – нест.*

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 9, аз 30-уми апрели соли 2024).

**Раиси ҷаласа:** доктор PhD, и.в. дотсент Сафоев Ҳ.С.

**Тақризро омода намуд:** н.и.и., и.в. дотсент Шарифзода Ш.Р.

**Котиби ҷаласа:** н.и.и., муаллими калон Хайруллоев Ф.Н.

**Имзоҳои «Сафоев Ҳ.С., Шарифзода Ш.Р., Хайруллоев Ф.Н.»-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадр ва коргузорӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Раҳматулло Нусратулло

Суроғаи Донишгоҳ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кучаи Н.Қаробоев 63/3.
Саҳифаи интернетӣ: www.tut.tj
Телефон: (+992 37) 234-79-88; 234-79-90
E-mail: rectotat-tut@mail.ru